**Суратҷаласаи № 10**
**ҷаласаи васеи кафедраи забонҳои хориҷӣ ва кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ аз таърихи 20.06.2023**

**Иштирок доштанд**: декани факултети забонҳои Осиё ва Аврупо дотсент Р.А. Шодиев, и.в. мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ, н.и.ф. м.к. Ҷ.Ш. Маҳмадов, мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ дотсент Б. Наврузшоев, д.и.ф., профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ Саидзода Ҳ., дотсентон Замонов З., Ҷумаев Т., н.и.ф. м.к. Д. Маҳмудов, м.к. Г. Шарипова ассистентон Нурова Ф., Ҷонмардова Ф, Иброҳимов З, Асозода Ҳ ва Назиров Ш.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи забонҳои хориҷӣ, Ҷанг Лей дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ 语言学 дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар маҷлиси васеи кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо.

Ҷаласаро и.в. мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ, номзади илми филология, муаллими калон Ҷ.Ш. Маҳмадов ифтитоҳ намуда, рӯзномаи ҷаласаро ба ҳозирин эълон намуд. Мавсуф изҳор дошт, ки диссертатсияи номзадии Ҷанг Лей барои муҳокима ва пешниҳоди назарҳо ба кафедра пешниҳод шудааст. Сипас сухан ба унвонҷӯ Ҷанг Лей дода шуд. Унвонҷӯ муҳимтарин нуктаҳои диссертатсияро баён намуд.

Мубрамияти диссертатсия мавриди назар қарор гирифта, дар он пеш аз ҳама, хусусиятҳои маъноию созмонёбии сарфию наҳвии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ баррасӣ ёфтааст, ки умумият ва фарқияти онҳоро мавриди баҳс қарор дода шудааст.

Объекти асосии таҳқиқоти мазкур омӯзиши системавӣ, комплексӣ, муқоисавӣ, сохторӣ, луғавӣ-семантикӣ ва морфологии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ дар муқоиса бо забони чинӣ ба ҳисоб рафта мавриди пажуҳиш, қарор дода шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки таҳқиқоти мазкур бо таҳия ва коркард метавонад, роҳу усулҳои навро дар низоми махсуси луғавӣ-маъноӣ ва истилоҳсозӣ инъикос намояд, чунки дар дохили он муносибатҳои зинавӣ бо назардошти истифодаи усулҳои забономӯзӣ аз мафҳуми истилоҳ сар карда, то мавқеи он дар сохтори забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ пурра таҳлил ва баррасӣ шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ аз он иборат аст, дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқоти истилоҳи забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ як қатор монандиҳо ва тафовутҳо муаян гардид.

Инчунин, дар таҳқиқот дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бори аввал мавзуи омӯзиши амиқтари системавии қиёсию типологӣ қарор мегирад, ки дар он хусусиятҳои луғавӣ-семантикӣ ва сохторӣ-грамматикии истилоҳоти забонҳои мавриди омӯзиш қароргирифта ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо баррасӣ шудааст. Бори аввал истилоҳоти забоншиносӣ таҳқиқ шуда бо мисолҳо дар забонҳои муқоисашаванда нишон дода шудаанд.

Натиҷаҳои амалии диссертатсия метавон барои навиштани китобу дастурҳои таълимӣ оид ба забоншиносӣ барои мураттаб сохтани роҳнамоҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, тартиб додани луғатномаҳо, ҳамчунин барои тарҷумаи назариявӣ ва амалӣ барои курсҳои лексионӣ оид ба забоншиносии забонҳои муқоисашаванда, ки барои навиштани корҳои курсӣ ва дипломӣ мусоидат менамояд, метавон истифода бурд.

Баъди шарҳи муҳтавои диссертатсия бахши саволу ҷавоб ва муҳокима оғоз гардид.

Дар ин бахш декани факултет дотсент Р.А. Шодиев доир ба корҳои аз ҷониби унвонҷӯ анҷомёфта изҳори назар намуда, ҳамчунин, саволҳои худро ба унвонҷӯ пешниҳод намуд:

-Савол: Яке аз забоншиносоне, ки дар забони тоҷикӣ доир ба истилоҳот пажуҳишҳои зиёде анҷом додааст, профессор Сайфиддин Назарзода ба ҳисоб меравад, оё Шумо аз пажуҳишҳои ӯ дар диссертатсия истифода кардаед?

-Ҷавоб: Бале мо дар диссертатсия аз китоби устод бо номи “Истилоҳоти забони тоҷикӣ дурнамо гароиш” назарияҳо овардем.

-Савол: Чун шумо дар бораи донишмандони тоҷик оид ба истилоҳоти забони тоҷикӣ маълумот додед, метавонед дар бораи донишмандони чинӣ, ки дар хусуси истилоҳот кор кардаанд маълумот диҳед?

-Ҷавоб: Бале дар забони чинӣ низ истилоҳшиносони зиёде мавҷуданд, ки дар соҳаи истилоҳот кор кардаанд ва саҳми худро гузоштаанд. Ба монанди Чен Шупу, Фен Чивей, Ян Сион, Ван Ли, Люшу Сианг, Лу Чиенмин ва ғайра.

Сипас мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ дотсент Б. Наврузшоев ба унвонҷӯ чунин савол дод:

-Савол: Маводи таҳлилиро аз кадом китобҳои забони тоҷикӣ ва чинӣ гирифтед?

-Ҷавоб: Бисёри маводҳо аз китобҳои “Истилоҳоти забони чинии муосир”, “Истилоҳоти забони чинии қадима”, ва аз китоби устод Назарзода Сайфиддин “Истилоҳоти забони тоҷикӣ дурнамо гароиш” гирифта шудаанд.

Сипас мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ дотсент Ҷ. Маҳмадов ба унвонҷу чунин савол дод:

-Савол: Якчанд истилоҳоти забоншиносии забони тоҷикӣ ва чиниро номбар карда метавонед?

-Ҷавоб: истилоҳоти забоншиносии аъзоҳои пайрави ҷумла дар забони чинӣ 句子成分, алоқаи пайваст-连接关系, алоқаи тобеъ-从属关系, алоқаи ҳамроҳӣ-并列关系 ва ғайра

Баъдан сухан ба роҳбарии илмии унвонҷӯ н.и.ф. дотсенти кафедра М. Имомзода дода шуд. М. Имомзода мавзуи унвонҷӯ Ҷанг Лейро актуалӣ ва муҳим иброз намуд. Ҳамзамон қайд намуд, ки ҳарчанд унвонҷӯ шаҳрванди хориҷӣ бошад ҳам, кӯшиш ба харҷ додааст, ки кори илмиашро хуб таълиф намояд.

Баъди анҷом ёфтани қисмати саволу ҷавоб муҳокимаи диссертатсия оғоз гардид.

Диссертатсия аз ҷониби профессор Ҳ. Саидзода, дотсентон Р. Шодиев, Б.Х. Наврузшоев, н.и.ф. м.к. Ҷ. Маҳмадов, н.и.ф. м.к. Д. Маҳмудов хонда шуда, ҳар яке дар навбати худ фикру андешаҳои худро дар робита ба диссертатсияи Ҷанг Лей иброз доштанд.

Дотсент Р. Шодиев таъкид намуд, ки диссертатсия, чи аз нигоҳи илмӣ ва чи аз нигоҳи навишт, бисёр хуб омода гардидааст. Воқеан, аз натиҷаҳо бармеояд, ки меҳнату ранҷи зиёде дар ин ҷода масраф шудааст. Унвонҷӯ бо манбаъҳои гуногуни истилоҳоти забони тоҷикӣ ва чинӣ хеле хуб ва мушаххас кор кардаанд. Бояд қайд кард, ки ин аввалин кори илмӣ дар забоншиносии тоҷик мебошад, ки ба пажуҳиши истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст. Баррасии

истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои чинӣ ва тоҷикӣ барои миллати мо хеле муҳим аст.

Дар баробари ин дар диссертатсия баъзе камбудию ғалатҳо ба назар мерасад:

1. Беҳтар мешуд, ки дар диссертатсия феҳристи адабиёт бо поварақҳо мутобиқат намояд;
2. Хуб мешуд, ки номи донишмандон ва устодони тоҷике, ки дар хусуси истилоҳот тадқиқот анҷом додаанд, дар диссертатсия аз китобҳояшон поварақ гузошта шавад;
3. Беҳтар аст, ки муқоисаи истилоҳоти забоншиносӣ дар забони тоҷикӣ ва чинӣ, боз ҳам дар доираи маводи бештар иншо карда шавад.

Хулоса диссертатсия шоистаи дасгирӣ буда, ислоҳоти ҷузъӣ мехоҳад.

Профессор Ҳ. Саидзода арзиши диссертатсияи Чанг Лейро мусбат арзёбӣ намуда, ҳамзамон, иброз дошт, ки истилоҳоти забоншиносӣ, яке аз масъалаҳои муҳими актуалӣ ба ҳисоб мераванд.

Мавсуф таъкид намуд, ки кор кардан дар доираи истилоҳоти забоншиносӣ бо як шаҳрванди чиние, ки забони тоҷикиро хуб медонад ва озод ҳарф мезанад, аллакай ин як муввафақият аст. Хулоса, диссертатсия кори анҷомёфта мебошад, аз ин рӯ, онро бо назардошти ислоҳи эродҳо ба марҳилаи баъдӣ тавсия медиҳем.

Н.и.ф., м.к. Д. Маҳмудов низ арзиши диссертатсияро мусбат арзёбӣ карда, таъкид намуд, ки агар ин корро унвонҷӯ хуб таҳлилу баррасӣ намояд, кори мазкур дар забоншиносии типологӣ як саҳифаи наве мебошад.

Ҳамчунин, андешаҳояшро атрофи беҳбудии диссертатсия пешниҳод намуд. Мавсуф қайд намуданд, ки номи баъзе бобҳо дар мундариҷа дигар аст, аммо дар дохили кор тағйир ёфтааст. Хуб мешуд мисолҳо на ба забони англисӣ балки ба забони тоҷикӣ оварда шаванд. Д. Маҳмудов бо назардошти ислоҳи эродҳо корро ба марҳилаи баъдӣ тавсия намуд.

Дотсент Ҷ. Маҳмадов баромад карда, қайд намуд, ки он ҳама эродҳое, ки устодон дарҷ намуданд, барои беҳбудии кор мебошад. Ӯ корро актуалӣ, анҷомёфта ва як дастоварди нав дар соҳаи забоншиносӣ шуморид. Ҳамзамон, мавсуф корро анҷомёфта шуморида, таъкид намуд, ки ин кор аз лиҳози моҳияти илмӣ пажуҳиши навие илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо назардошти ислоҳи эродҳо ва ба инобат гирифтани пешниҳодҳо тавсия додани онро ба марҳилаи баъдӣ тавсия менамоем.

Баъди натиҷагирӣ аз қисмати муҳокимаи диссертатсияи номзадии Ҷанг Лей бо назардошти фикру андешаҳои баёнгардида қарори ҷаласа ба тасвиб расид.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Ҷанг Лей дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти забоншиносӣ 语言学 дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад;

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Ҷанг Лей дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти забоншиносӣ 语言学 дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба Шурои дифоъ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 13 нафар:

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 13 нафар, “зид”-нест, “бетараф”-нест.

И.в. мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ
номзади илми филология,
муаллими калон Маҳмадов Ҷовидон Шарифович
тел.: (+992) 985626919
E-mail: jovidon0909@list.ru

Мудири кафедраи забони англисӣ
ва типологияи муқоисавӣ
номзади илми филология, дотсент Наврузшоев Бахриддин Хушҳолович
Тел.: 000090403
E-mail: bakhakhush@mail.ru

Котиби илмӣ:
номзади илми филология,
муаллими калон Маҳмудов Давлатхуҷа Орифович
тел.: (+992) 934488439
E-mail: khudja70@mail.ru

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: Тел.: (+992-37) 2217711 Факс: (+992-37) 2214884
E-mail: info@tnu.tjint.re@gmail.com http://www.tnu.tj

Имзои Ҷ. Маҳмадов, Б. Наврузшоев ва Д. Маҳмудовро
«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш.Тавқиев